Ба Шурои диссертатсионии
6D.KOA-036-и назди
Донишгоҳи байналмилалии
забонҳои хориҷии Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода

**Тақризи**

**роҳбари илмӣ ба автореферат ва диссертатсияи Зулфониён Раҳим Раҷабзода, унвонҷӯйи кафедраи забони тоҷикии факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода дар мавзуи “Таҳқиқи луғавию маъноӣ ва сохтории номвожаҳои ҷуғрофии минтақаи Панҷакент” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ**

Масъалаи номвожаҳои ҷуғрофӣ дар забоншиносии муосир яке аз мавзуъҳои мубрам ва муҳим ба шумор меравад, ки солҳои охир донишмандон ва муҳаққиқон ба он таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда истодаанд ва диссертатсияи **Зулфониён Раҳим** таҳти унвони **“Таҳқиқи луғавию маъноӣ ва сохтории номвожаҳои ҷуғрофии минтақаи Панҷакент”** ба таҳқиқу омӯзиши топонимияи маҳалли маскунии бостонӣ – Панҷекат (Панҷакент) дар ҳамин самт ихтисос ёфтааст.

**Зулфониён Раҳим** дар давраи унвонҷӯйӣ (солҳои 2018-2022) дар кафедраи забони тоҷикии факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода худро ҳамчун шахси масъулиятшинос, меҳнатдӯст ва кордону ботаҷриба нишон дода тавонист. Ба ӯ муяссар гашт, ки дар ин давра мақсад ва вазифаи мавзуи интихобкардаашро муайян карда, таҳқиқро дар ин самт аз рӯйи нақша тарҳрезӣ намуда, мушкилиҳои пешомадаро доир ба мавзуи диссертатсия мустақилона бартараф сохта, дар муддати муайяншуда таҳқиқоти арзишмандеро ба сомон расонад.

Дуруст аст, ки номҳои ашхос, манотиқ, кӯҳҳо, дарёҳо, ҷирмҳои осмонӣ ва ҳар он чизе, ки моро иҳота кардааст, маҳсули тафаккури

давраҳои гуногуни инкишофи ҷомеа буда, сарвати маънавӣ, ганҷинаи боэътимоди таъриху маданият ва як ҳиссаи фонди луғавии забони тоҷикӣ маҳсуб меёбанд ва барои шарху маънидод, таҳлилу таҳқиқи масъалаҳои гуногуни этимология, калимасозӣ, фонетика, грамматика, шевашиносӣ, таърихи забон ва дигар қисматҳои забоншиносӣ заминаи мусоиде фароҳам меорад.

Рисолаи таҳқиқотии **Зулфониён Раҳим** доир ба ташаккул ва таҳаввули топонимияи маҳал дар заминаи маводи фаровони амалӣ омода гардидаву барои омӯзиши мавқеи номҳои хос кумак мерасонад ва дар забоншиносии тоҷик бори нахуст аст, ки мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтааст. Мавриди зикр аст, ки дар номвожаҳои маҳал номҳои ашхос, номҳои шаҳру деҳот, чашмаву дарёҳо, релефи маҳал, офатҳои табиӣ ва ғайра хеле зиёд ба назар мерасанд ва ҳамин сабаб унвонҷӯйро водор намуд, ки ба таҳқиқу омӯзиши ин масъала рӯй оварад.

**Аҳаммияти омӯзиши** номвожаҳои ҷуғрофии маҳал аз баррасии ташаккул ва таҳаввули топонимҳои марбут ба одамон, маҳаллҳо, кӯҳҳо, дарёҳо, теппаҳо, даштҳо ва ғайра иборат мебошад.

**Аҳаммияти назариявии рисола** дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст оид ба топонимияи маҳалҳои аҳолинишини минтақаи бостонии Панҷакент таҳқиқот ба анҷом расидааст.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, феҳристи адабиёти илмӣ, сарчашма ва замимаҳо иборат мебошад.

Натиҷагириҳои илмии Зулфониён Раҳим, ки аз таҳқиқи мавзуи мазкур ба даст овардааст, ниҳоят ҷолиб буда, аз нигоҳи илмӣ боварибахш ва шоистаи пазириш мебошанд. Мундариҷа натиҷаҳои пажуҳиши муҳаққиқро комилан фаро гирифтааст. Бояд гуфт, ки рисола бо як савияи хуби илмӣ иншо ёфта, аз камолоти илмиву маънавии ӯ дарак медиҳад.

Диссертант вобаста ба мавзуъ 12 мақолаи илмӣ-таҳқиқотӣ, аз ҷумла, 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр

расонидааст, ки ин нишондод аз сермаҳсулии унвонҷӯ дарак медиҳад.

Ҳамин тавр, диссертатсияи **Зулфониён Раҳим Раҷабзода** таҳти унвони **"Таҳқиқи луғавию маъной ва сохтории номвожаҳои ҷуғрофии минтақаи Панҷакент"** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ таҳқиқоти илмии баанҷомрасида буда, ба талаботи "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй мебошад ва барои дифоъ тавсия дода мешавад.

Роҳбари илмӣ,
доктори илми филология,
профессори кафедраи забони тоҷикии ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода — Муҳаммадҷонзода Олимҷон Обидҷон

Имзои профессор О. Муҳаммадҷонзодаро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳои ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода — Юсупова Бибиҷон Ғаниҷоновна

**Нишонӣ:** 734019. ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев - 17/6.
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Тел.: +992 372325000: Факс: +992 372325003
Сомона: www. dbzkc t. tj

5.01.2023